ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Низоми таълими кредитӣ, яъне низоми ҷаҳонии маориф, ки ба татбиқи методҳои инноватсионии таълим равона гардидааст, тақозо менамояд, ки низоми маориф ва илми кишварҳо баҳри омода намудани мутахассисони дорои доираи ҷаҳонбинии васеъ саҳмгузор буда, ба таври ҷиддӣ стандартҳои аврупоӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар таълими кредитиро ба роҳ монанд. Таълими кредитӣ ҳамчун низоми ягонакунии дипломҳои байналмилалӣ 48 мамлакати дунёро муттаҳид менамояд.

Яке аз ҷанбаҳои хеле муҳимми гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба татбиқи технологияи кредитии таълим ин гузариш ба ташкили роҳҳои фаъолгардонии донишҷӯён бо ёрии воситаҳои технологии таълим мебошад, ки ин барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва муколамаи байнифарҳангии инсоният мусоидат карда, механизмҳои навро дар соҳаи фаъолияти касбии омӯзгорон боз мекунад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи татбиқи ТИК дар таълим мавзуи муосири педагогика ва методикаи таълим ба ҳисоб меравад. Талабот ба коркарди мавзуи мазкур муҳим буда, махсусан дар таълими кредитӣ, ки таълими нави ҷаҳонист, боз ҳам муосир аст. Бинобар ин, ба воситаи диссертатсия бартариҳо ва мушкилоти татбиқи ТИК дар таълими мазкур ошкор шуда, роҳҳои бартарафкунии монеаҳои таълими кредитӣ арзёбӣ мегарданд.

Изутуллозода Зебонисо Рустам соли 2009 ба ихтисоси информатикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дохил шуда, соли 2013 бо дипломи аъло онро хатм мекунад. Ӯ аз соли 2010 то соли 2014 дар МТМУ-и №4, шаҳри Левакант (пешина Сарбанд) ба сифати омӯзгор фаъолият намуда, аз соли 2015 то соли 2017 дар Коллеҷи давлатии тиббии шаҳри Бохтар фаъолияти омӯзгории худро идома мебахшад.

Аз соли 2017 ин ҷониб омӯзгори доимии кафедраи информатикаи донишгоҳи таҳсилкарда мебошанд.

Изатуллозода Зебонисо Рустам бо фармони №08-Д/р аз 15.10.2022 ба Шуъбаи докторантура (PhD)–и ДДБ ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси дар боло номбаргардида дохил шуда, аз санаи 25.10.2022, қарори №3-и Шурои олимони донишгоҳ мавзуи кори илмии худро зери унвони «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълими кредитии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ менамояд.

Давраи асосии иҷрои диссертатсия солҳои 2022-2025 мебошад. Ӯ имтиҳонҳои хатмкунии докторантураро бо баҳои хубу аъло дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав супоридааст.

Диссертант дар як қатор конференсияҳои илмию амалӣ ва назариявию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро оид ба бобҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст. Оид ба мавзуи рисолаи номзадӣ унвончӯ дар маҷмуъ 14 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Дорои 1 васоити методӣ мебошад, ки оид ба усулҳои татбиқи ТИК дар таълими кредитии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар раванди таҳияи рисолаи илмии худ Изатуллозода З.Р. худро ҳамчун таҳқиқотчии мустақил нишон дода, барои омода намудани рисолаи номзадии худ аз адабиёти ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Бо зарурати пешомада, дар асоси қарори №5, аз 30.12.2025-и Шурои олимони донишгоҳ дар мавзуъи кори илмӣ-таҳқиқотии диссертант тағйирот ворид карда шуд ва он ба «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» иваз карда шуд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия оид ба муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда, объект, предмет, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, зарурати пешниҳоди мавзуи диссертатсионӣ, дараҷаи илмии таҳқиқот ва дигар масъалаҳо доир ба мубрамии мавзуи кори илмӣ ва сохтори он маълумот пешниҳод мегардад.

Боби аввали таҳқиқот **«Аҳамияти ҷаҳонии таълими кредитӣ, мақсад ва роҳҳои татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст.

Фасли аввал **«Таърихи ҷаҳонии таълими кредитӣ ва роҳҳои амалишавии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** оид ба Эъломияи Болония ва паҳншавии он дар ҷаҳон маълумот пешниҳод менамояд. Давраҳои асосии таълимоти кредитӣ ва шартҳои дохилшавӣ аз як давраи таҳсилот ба дигараш баён мегардад. Нишондиҳандаҳои раванди Болония ба таври шартӣ нишон дода шуда, фарқияти мафҳуми кредит ва маблағи як соат кредит барои давлатҳои аъзои Эъломияи Болония фаҳмонида мешавад.

Фасли дуюми боби аввал **«Аҳамияти методҳои таълими кредитӣ дар баланд бардоштани мустақилият ва қобилияти эҷодии донишҷӯён дар алоқа бо татбиқи ТИК дар таълим»** номгузорӣ шуда, дар он аз методҳои таълими кредитӣ, аҳамият ва мақсади ин методҳо дар баланд бардоштани мустақилият ва қобилиятнок шудани донишҷӯён арзёбӣ мегардад.

Боби дуюми таҳқиқот **«Асосҳои илмӣ-назариявии нақши ТИК дар таълим ва методҳои сохтани барномаҳои назорати дониш дар шароити таълими кредитӣ»** ном дошта, аз чор фасл иборат аст.

Дар фасли аввали боби дуюм, ки **«Асосҳои илмӣ-назариявии нақши татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълими информатика»** ном дорад, оид ба асосҳои илмӣ-назариявии истифодаи ТИК дар таълим ва дар таълими информатика маълумоти асосноккардашуда оварда мешавад. ТИК ҳамчун омилҳои муҳимми ташаккули низоми маорифи ҷомеаи асри XXI нишон дода мешавад.

Фасли дуюми боби дуюм **«Муҳиммияти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ»** номида шудааст. Дар ин фасл аз мавқеи муҳимми ТИК дар низоми таҳсилоти кредитӣ баррасӣ мегардад. ТИК ҳамчун воситаи самаранок намудани раванди таълими кредитӣ арзёбӣ мегардад, ки ин равандро осон менамояд ва барои ин муаллимон бояд маҳорату малакаҳои татбиқи ТИК-ро дошта бошанд. Ин зарурият низоми маорифро водор ба омӯзиши васеи донишҳои компютерӣ менамояд. Қайд мегардад, ки барои омӯзиши воситаҳои технологияҳои навини иттилоотию коммуникатсионӣ талаботи асосӣ ин таъминоти омӯзиши ин технологияҳо бо ёрии фанни «Технологияи информатсионӣ» мебошад.

Фасли сеюми боби ду «**Методикаи сохтани саволномаҳои тестӣ бо истифода аз барномаи компютерии Айрен**» ном дошта, он ба омӯзиши барномаи тестсозии компютерӣ бахшида мешавад. Дар ин фасл аз таърих ва мақсади барномаи Айрен баррасӣ шуда, методи истифодаи барномаи тестӣ омӯзонида мешавад.

Фасли чоруми боби ду «**Методикаи сохтани тестҳои санҷиши дониш дар забони барномасозии Python**» номгузорӣ шудааст. Ба воситаи қисмати зерин барномаи сохтани тести санҷиши пешрафти донишҷӯён барои арзёбии дониши барномасозии онҳо тартиб дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Санҷиши самаранокӣ оид ба нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими кредитӣ**» номида шуда, аз чор фасл таркиб ёфтааст.

Фасли якуми боби сеюм «**Татбиқи методҳои назорати компютерии натиҷаи таълим дар низоми таҳсилоти кредитӣ**» ном дошта, дар он мавқеъи методҳои назорати натиҷаи таълим дар боло бурдани сифати таълим баён мегардад.

Фасли дуюми боби сеюм **«Тестсозии компютерӣ бо татбиқи методи ҳамкорӣ»** номида шуда, дар он аз методи ҳамкорӣ, ки дар таълими фанни технологияи информатсионӣ татбиқ мегардад, баррасӣ карда мешавад.

Фасли сеюм ва чоруми боби се ба санҷиши самаранокӣ аз татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ бахшида шуда, дар он натиҷаи санҷиши самаранокӣ оид ба татбиқи воситаҳои ТИК дар таълими кредитӣ ба воситаи таҷрибагузарониҳо ва муқоисаҳо пешниҳод карда мешавад.

Барои муайян кардани қадру қимати воситаҳои ТИК ва методҳои татбиқи он дар таълими кредитӣ қарор дода мешавад, ки таҷрибаҳо дар ду муасисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се давра анҷом дода шавад. Барои ин, Донишгоҳи давлатии Данғара ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав интихоб гардид. Дар даври аввали таҷрибагузаронӣ ба омӯзгорон ва донишҷӯёни гуногунихтисос пурсишномаҳо тақсим карда шуданд. Даври дуюм ба дарсҳои намунавӣ оид ба методҳои пешниҳодгардида, муқоисаи методҳои анъанавии таълим ва таълими кредитӣ бахшида шуда, дар даври сеюми таҷрибаҳои омӯзгорӣ ҳамчунин пурсиши омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба рушди салоҳиятҳои онҳо оид ба зарурати татбиқи ТИК дар таълими кредитӣ бахшида шуд.

Дар пурсиш 40 нафар омӯзгорону 63 нафар донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Данғара, 30 омӯзгорону 62 нафар донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иштирок намуданд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсия Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи **«Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК»** ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои физикаю математика,
дотсенти кафедраи системаҳои
автоматикунонидашудаи коркарди ахбор
ва шабакаҳои алоқаи МДТ «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», Гулова М.Т.

01. 04. 2026

«Имзои Гулова М.Т. – ро тасдиқ менамоям».
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав», Нажмидинзода М.М.